БАРОИ ПЕШРАФТ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН • НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

№ 6 (368),
18 марти соли 2020

► E-mail: hkhdt_khatlon@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



## «МО ИФТИХОР МЕКУНЕМ, КИ ТОҶИКИСТОНИ МО ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ....»

***Иқтибосҳо аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Ҷашни Наврӯз***

*«Фарҳанги Наврӯз моро ҳидоят мекунад, ки дар навбати аввал роҳҳои иртибот ва коммуникатсия-ро дар дохили кишварҳоямон барқарор кунем ва онҳоро такмилу инкишоф бахшем ва ба ҳамин васила теъдоди ҳарчи бештари омилҳои ҷудоиро дар байни миллатҳо ва давлатҳои ҳавзаи наврӯзӣ аз байн бардорем».*

**(21.03.2013 Ҷумҳурии Туркманистон)**

*«Ҳамон тавре ки дар андарзномаи Бузургмеҳр омадааст: «офариниши зинда ва кори некро ҳеҷ кас рабуда наметавонад».*

*Бояд гуфт, ки Наврӯз ҷашни хислату амалҳои нек буда, муқаддима ва муҳтавои асосии онро пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори неки инсонҳо ташкил медиҳад».*

**(22.03.2014 н. Данғара)**

*«Мо ифтихор мекунем, ки баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистони азизамон ҷашни бузурги аҷдодиамон - Наврӯз умри дубора касб карда, имрӯз дар саросари мамлакат ва берун аз он бо шукӯҳу шаҳомати бесобиқа таҷлил мегардад».*

**(22.03.2015 ш. Хуҷанд)**

*«Мо ифтихор мекунем, ки Тоҷикистони мо ватани Наврӯз аст ва дар сарзамини мо тантанаҳои наврӯзӣ ҳамчун оғози корҳои баҳорӣ ва файзу баракати сол, пеш аз ҳама, ба кишоварзон нерӯи тоза мебахшанд».*

**(ш. Турсунзода 21.03.2018)**

*«Орзуманди он ҳастам, ки ин баҳор ва ҷашни Наврӯзи оламафрӯз имсолу солиёни дигар ба сарзамини муқаддаси мо рӯзҳои офтобиву гулрез ва нишоти ҳамешагӣ, ободкориҳои тоза ва баракату фаровониро чун ҳадяи беҳтарини идона армуғон оварад».*

**(24.03.2017 ш. Исфара)**

*«Мақоми байналмилалиро касб кардани Наврӯз имкон фароҳам овард, ки мардуми олам аз фалсафаи эҳёгариву созандагӣ ва башардӯстонаи ин ҷашни бисёр қадима ҳарчи бештар огоҳ гарданд, зеро Наврӯз танҳо марбут ба қаламрави зуҳури он набуда, балки суннату анъанаҳои неки он метавонанд ҳамчун василаи ҳамзистии осоиштаи тамоми инсоният хизмат намоянд».*

**(21.03.2019 ш. Душанбе)**

*«Наврӯз, ки бо умри басо тӯлонии қариб шашҳазорсолаи худ дар сарнавишти миллати мо ва тамоми меросбарони он нақши барҷаста дорад, ҳамчун падидаи нотакрори фарҳангӣ ва унсури муҳимтарини тамаддуни аҷдодамон дар масири таърих одамонро ҳамеша ба созандагиву офарандагӣ, эҷодкорӣ ва иқдомоти нав раҳнамоӣ кардааст».*

**(23.03.2019 ш. Бохтар)**

## ТАБРИКОТИ
### РАИСИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН МИРАЛИЁН ҚИЁМИДДИН АБДУСАЛИМЗОДА БАҲРИ ҶАШНИ НАВРӮЗ



Боиси хушнудӣ ва сарфарозии ҳамаи мост, ки ҷашни аҷдодии мо - Наврӯзи хуҷастапай, аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ пазируфта, дар саросари ҷаҳон бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мегардад.

Ҳамаи шумо – ҳамсафони азиз ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати фарорасии Наврӯз самимона муборакбод менамоем.

Мо аз ҷумлаи он мардумони хушбахте ҳастем, ки ин суннати деринаро бо маъниву муҳтавои амиқ ва ҷавҳари фалсафию рӯҳи зиндагисозӣ ба мерос гирифтаем.

Ин дастоварди арзишманд натиҷаи азму талоши муштарак ва пайгириҳои чандинсолаи Тоҷикистон ва чандин давлатҳои дӯсту бародар мебошад. Маҳз машварату дастгирии ҳамдигарӣ буд, ки мо ба ин натиҷаи барҷаста шарафёб гардидем ва акнун моро зарур аст, ки дар оянда низ барои эҳё ва таҳкиму тақвияти ин ҷашни зебои ниёгонамон ба оламиён ба таври арзанда муаррифӣ кардани суннату русуми неки он саъю кӯшиш намоем.

Сабаби пазироии ин ҷашн аз тарафи қавму қабила ва халқҳои гуногуни ҷаҳон дар он аст, ки Наврӯз дар гузашта ва ҳам дар замони муосир ҷашни бедории табиат, баробарии шабу рӯз, равобити дӯстона ва ҳамзистии мусолиматомези қавму миллатҳои гуногун ҷаҳони мутамаддинро таҷассум месохт.

Дар аҳди Сосониён мардум субҳи Наврӯз ба канори наҳрҳо рафта, ба ҳамдигар чун пайғоми покиву садоқат об мепошиданд ва ширинӣ медоданд, ки ин анъанаи нек дар ҳавзаи тамаддунии Наврӯз, минҷумла Тоҷикистон, имрӯз низ идома дорад.

Дар чаҳорчӯбаи ин афкору оинҳо асли ахлоқии «Ашо» ё худ ростӣ зуҳур кард, ки асоси фикр, сухан ва амали инсонро дар бар мегирад.

Ниёгони мо ин аслро дар ҳикмати маъруфи худ «пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» возеҳу равшан ифода карда, онро ҳамчун қонуни муштараки ҷаҳони инсонӣ ва кайҳонӣ пазируфтанд, зеро паймону ростӣ инсонро ба ободкорӣ, созандагӣ ва пешрафт ҳидоят мекунад.

Фарҳанги Наврӯз дар назди башарият масъулиятҳои ҷиддиеро барои ҳалли мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ гузоштааст.

Мову шумо ҳамчун меросдорони ин фарҳанги бузург бояд дар амалӣ сохтани рисолати аслии наврӯзӣ ибтикороти созанда дошта бошем.

Ба муносибати ин ҷашни саид ва барои ҳар яки мо бузургу муқаддас бори дигар ҳар як хонадони меҳанро сидқан табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо хуррамиву хушҳолии наврӯзӣ, файзу нусрати баҳорӣ ва тандурустиву баракати рӯзгорро таманно менамоем.

***Наврӯзатон фирӯз бод,***
***Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!***



ИШТИРОКИ РАИСИ ВИЛОЯТ ДАР МАШҚҲОИ МУШТАРАКИ НИЗОМӢ 2



ДАР ШИНОХТИ НАВРӮЗ 3



30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТРО САЗОВОР ИСТИҚБОЛ МЕГИРЕМ! 4



ҲУШЁРИЮ ЗИРАКӢ МЕБОЯД 7



ВАРЗИШ СОЛИМИСТ 8

# ИШТИРОКИ РАИСИ ВИЛОЯТ ДАР МАШҚҲОИ МУШТАРАКИ НИЗОМӢ



14 март, раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳақимзода ҳамроҳ бо вазири мудофиаи кишвар Шералӣ Мирзо дар машқҳои муштараки амалиётӣ-стратегии қӯшунҳои гарнизони Хатлон ва Минтақаи мудофиаи худудии №2, ки бо ҷалби ҷузъу томҳои махсуси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар мавзеи Фахрободи вилоят барпо гардиданд, иштирок намуданд.

Қобили зикр аст, ки тибқи Нақшаи чорабиниҳои асосии амалиётӣ-стратегии Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохторҳои мудофиаи худудии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, дар худуди вилояти Хатлон аз 11 то 14 марти соли ҷорӣ машқҳои муштараки амалиётӣ-стратегӣ бо қӯшунҳои гарнизони Хатлон ва Минтақаи мудофиаи худудии №2 оғоз гардида, дар чор марҳила гузаронда шуд. Зимнан, санҷиши амалии ҳолатҳои омодабошии қувва ва воситаҳои мудофиаи худудӣ дар шаҳру ноҳияҳо, инчунин ҷамъомади амалиётӣ - сафарбарӣ бо раисони шаҳру ноҳияҳо, комиссарони ҳарбӣ, сардорони шуъбаҳои корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, ҳолатҳои фавкуллода ва мудофиаи граждании шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар машқгоҳи «Фахробод» ва машғулиятҳои тирпарронӣ бо ҳайати номбаршуда гузаронида шуд.

Раиси вилоят Қурбон Ҳақимзода зимни суханронии худ дар маросими ҷамъбасти машқҳои муштараки низомӣ таъкид намуданд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ташкилёбии Артиши миллӣ оид ба тақвияти пояҳои моддиву техникии ҷузъу томҳои ҳарбӣ, мутобиқ гардонидани қудрати мудофиавии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва такмили сатҳи омодабошии ҷангии ҳайати шахсии он ҷиҳати таъмини амният ва сулҳу субот дар ҷумҳурӣ ва Осиёи Марказӣ аҳамияти хоса зоҳир менамоянд.

- Мо барои баланд бардоштани малакаи ҳарбии шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта диққати махсус дода, бо ҳайати шахсии Минтақаи Мудофиаи Ҳудудии вилоят ва ноҳияҳои Мудофиаи Ҳудудӣ як қатор чорабиниҳои заруриро баргузор карда, оид ба омода намудани захираҳои моддии дастнорас чораҳои дахлдор роҳандозӣ намуда истодаем, - қайд карданд Қурбон Ҳақимзода. - Яке аз чорабиниҳои заруратдошта дар ин самт ин густариш додани машқҳои муштарак бо ҷалби қувва ва воситаҳои давлатҳои аъзои сохторҳои байнидавлатии болозикр мебошад ва ман бо истифода аз фурсати муносиб, ба намояндагони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки дар машқҳои муштараки амалиётӣ-стратегии қӯшунҳои гарнизони Хатлон ва Минтақаи Мудофиаи Ҳудудии №2 иштирок намуда, ҳунари волои касбӣ ва ҳамгироии корбарии тактикиро нишон доданд, миннатдории худро баён менамоям.

Дар машқҳои махсуси зиддитеррористӣ бо тирпорони ҷангӣ, ки бо ҷалби ҷузъу томҳои сохторҳои қудратии гарнизони Хатлон ва ҷузъу томҳои махсуси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон гузаронида шуд, зиёда аз 940 нафар генералҳо, афсарон ва сарбозон иштирок намуданд.

Машқҳо бо муваффақият гузаронида шуда, иштирокчиён дар машқҳои амалӣ бо қувваю воситаҳо, бозомӯзии хуби ҳарбӣ, ҳунари волои касбӣ ва ҳамгироии корбарии тактикиро нишон дода, фаъолона иштирок намуданд.

*Шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон*

# ХИЗМАТ БА ВАТАН-МОДАР РИСОЛАТИ ҲАР ҶАВОНМАРД АСТ!

Санаи 4-марти соли 2020 таҳти №1466 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки мӯҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1993-2002 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ, бо инобати моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» фармони нав содир гардид.

Аз ҷумла дар фармон зикр гардид, ки хизматчиёни ҳарбие, ки мӯҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд, моҳҳои апрел-майи соли 2020 аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавкуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсат карда шаванд.

Ҳамчунин дар ҳамин доира моҳҳои апрел-майи соли 2020 шаҳрвандони ҷинси марди то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шаҳрвандони синни калонтари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани мӯҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавкуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бригадаи посбоникунандаи сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шаванд.

Аслан ҳар як суханронӣ, ё иқдому ташаббусе, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом медиҳанд, ҳадаф, маром, маънӣ ва моҳияти ватандӯстона доранд. Ватандӯстӣ низ дар татбиқи амалҳои созанда ва ободкорӣ ба нафъи шукуфоии Ватан зоҳир мегардад.

Махсусан, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ яке аз ҳадафҳои олии Ҳукумат ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад. Муҳим он аст, ки ватандӯстӣ набояд танҳо дар сухан бошад. Ватандӯстие, ки танҳо



дар забон асту ба амали муайян воқеият пайдо накардааст, намоишкорӣ ва назарфиребист. Ба ин хотир Пешвои миллат таъкид доштанд, ки ватандӯстӣ набояд ҳусни ҳисоботӣ дошта бошад, он дар амал, на ин ки дар сухан пояи мустаҳкам пайдо намояд.

Паҳлӯи дигари мавзӯъ ин аст, ки қабл аз анҷом додани ҳар амали ватандӯстона он бояд ба барнома, нақша ва заминаҳои устувори маънавӣ асос ёфта бошад. Яъне, ҳар нафаре кореро ба нафъи Ватан карданӣ бошад, нахуст аз ин ҳадаф ё нияти худ бо сухан мароми мақсадашро ошкор мекунад. Табиист, ки сифати ватандӯстӣ нахуст дар сухан зоҳир мегардад. Вале агар он танҳо бо сухан маҳдуд гардаду дар қолаби амал идомаи мантиқӣ пайдо нанамояд, он гоҳ боиси эътимод ва қобили таваҷҷуҳ таҳсингӯӣ нахоҳад буд.

Дар ин миён бо боварӣ гуфтан мумкин, ки ватандӯстӣ аз ҳифзи марзу буми Ватан оғоз меёбад ва ин амал рисолати ҷавонмардии мо ба ҳисоб меравад. Ҷойи ифтихор ва шургузорист, ки баъд аз ҳазор сол мо дигарбора соҳибватану соҳибистиқлол гардидем ва бо ибрат аз ин имтиҳони таърихӣ моро зарур аст дар ҳимояи Ватан ва ҳифзу таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ ҳамаҷониба кӯшиш намоем.

Дар хотир бояд дошта бошем, ки тақдири миллат, ободиву осудагӣ ва ҳифзи ин марзу бум аз ҳар як сокини кишвар, новобаста аз миллат, нажод ва эътиқоди динӣ вобастагии калон дошта, ҳар яки моро водор месозад то дар роҳи таъмини суботу амнияти он доимо талош варзем. Зеро ҳастии мо бо ҳастии Ватани маҳбубамон пайваст буда, нишоти рӯзгору зиндагии мо аз оромии кишвар маншаъ мегирад.

Дар робита ба ин бояд зикр намуд, ки яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдорӣ ва сипари боэътимоди ҳар як давлати соҳибистиқлол Қувваҳои мусаллаҳаш мебошад. Артиш василаи бузурги мудофиавӣ буда, ҳеҷ як давлат наметавонад бидуни он истиқлолияти комили худро таъмин намояд. Таҷрибаи ҳазорсолаи таърихи давлатҳои дунё собит кардааст, ки кишвари ба неруи ҳарбии хориҷӣ дар таъмини иктидори мудофиавии худ такякунанда, бешубҳа ба шикаст рӯ ба рӯ мегардад.

Яке аз сабабҳои шикасти давлати Сомониён ҳам ҳамин буд. Бо ибрат аз ин дарси барои миллати тоҷик фоҷиабори таърих, Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди якуним соли ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ – дар марҳилаи ниҳоят вазнин ва ҳассоси таърихӣ, дар шароите таъсис дода шуд, ки бақои давлати мустақили тоҷикон таҳти хатари ҷиддӣ қарор дошт. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳамаи имкониятҳои мавҷударо ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид ва муосир дар Қувваҳои мусаллаҳ равона карда, айни замон мушкилоти марбут ба шароит ва таъминоти моддии сохторҳои низомӣ асосан бартараф карда шуда, дар доираи ҳадафҳои созандагиву бунёдкорӣ сохтмон ва азнавсозии инфрасохтори қисмҳои низомӣ вусъат ёфта истодааст.

Бояд ба ҷавонон ин нукта фаҳмонида шавад, ки хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбияи ирода, ҷасорат, шуҷоат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. Иҷрои ин қарз нишонаи камолоти инсонии ҳар як ҷавон мебошад.

Набояд фаромӯш кард, ки Ватани азизи мо–Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун хонаи умеди тамоми тоҷикони ҷаҳон сарзаминест, ки аз он бӯи хоки ниёгон ба машом мерасад. Ин сарзаминест, ки зану фарзанду модару хоҳар ва додару дигар пайвандонамон зиндагӣ мекунад. Сарзаминест, ки муҳофизати он на танҳо вазифаи муқаддаси шаҳрвандӣ, балки қарзи инсониву имонӣ ва виҷдониамон маҳсуб меёбад.

Муҳимтарин силоҳ барои ҳар як ҷавону наврас, ки аз ҳидоятҳои падаронаи Пешвои миллат бармеояд, ифтихори миллӣ, зиракӣ ва ҳушёрии сиёсӣ мебошад. Мебояд имрӯз ҷавонони мо дар рӯҳияи садоқат ба Президент – садоқат ба Ватан, самимият ба Президент – самимият ба миллат ва арҷ гузоштан ба ташаббусҳои Президент – арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ тарбия карда шаванд.

*Гирдоваранда*
*Амирзода АЛОВУДДИН*

# ДАР ШИНОХТИ НАВРӮЗ

Наврӯз яке аз ҷашнҳои миллии ориёиҳо буда, аз қадимулайём ориёитаборҳо ин ҷашнро сазовор истиқбол мегиранд. Мутобиқи ҳисоби тақвимҳо Наврӯз ба 21-22-юми март рост омада, он ба якуми моҳи фарвардини солшумории ҳиҷрӣ-шамсӣ баробар аст.

Наврӯз яке аз бошукӯҳтарин ҷашнҳои ақвоми ориёӣ ва мардуми форсизабон аст. Ҳикмати Наврӯз он чунон қавӣ аст, ки аз ҳудуди мардуми форсизабон фаротар рафта, ба як ҷашни фаромиллӣ дар Машриқзамин табдил шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар тӯли таърих бархӯрдҳо бо ин ҷашни куҳанбунёд яксон набуда, ҳатто дар бархе маврид ин ҷашни гиромӣ мавриди ситез ва номеҳрубонӣ қарор гирифтааст. Аммо воқеият ин аст, ки то замоне баҳор аст, Наврӯз низ ҳаст. Ситез бо Наврӯз , ситез бо баҳор ва ҳикмати Илоҳӣ аст, зеро ин ҳар ду аз ҳам ҷудо нестанд. Наврӯз ақида нест, балки ин воқеият аст, бинобар ин ҳеҷ кас наметавонад воқеиятро инкор кунад. Рози мондагори Наврӯз низ аз ҳамин манша мегирад. Наврӯз ҷашни шуур аст ва забони шуур шеър аст, бинобар ин шеъру шуур ҳамзоди ҳам ҳастанд. Ҳамчунон ки шеърро аз шуур наметавон ҷудо кард, наврӯз низ аз баҳору табиат ҷудонопазир аст. Шояд дар тӯли таърих дар васфи ҳеҷ ҷашне мисли Баҳору Наврӯз шеър ва ҳикмат насуруда бошанд. Таваҷҷуҳи шоирон ба Наврӯз бесобиқа аст ва баҳору Наврӯзро бидуни шеър наметавон тасаввур кард. Яке аз оинҳои куҳани ҷашни Наврӯз таваҷҷуҳ ба шеъру шоирӣ будааст.

Устод Садриддин Айнӣ бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик дар бораи баргузории ҷашни Наврӯз дар Тоҷикистон ва Бухоро менависад: … Ба сабаби аввали баҳор дар вақти ба ҳаракат даромадани рустаниҳо рост омадани ин ид, табиати инсон ҳам ба ҳаракат меояд. Аз ин ҷост, ки тоҷикон мегӯянд: «Ҳамал – ҳама чиз дар амал». Дар ҳақиқат ин иди ба ҳаракат омадани киштҳои ғалладона ва оғози сар шудани кишту кор ва дигар ҳосилоти заминӣ аст, ки инсонро сер карда, сабаби бақои ҳаёти ӯ мешавад.

Мардуми тоҷик ба ҷашни Наврӯз ишқу алоқаи хос дошта, дар ҳама шароит онро гиромӣ доштанд. Фолклори мардумони форсигӯи Осиёи Миёна далели ошкори дилбастагии онон ба ҷашни Наврӯз аст. Дар фолкори тоҷик шароити рӯҳӣ ва равонии мардум дар қарнҳои мухталиф инъикос ёфтааст. Мардуми ин хитта бо шурӯи фасли баҳор, бахусус айёми ҷашни Наврӯз сарфи назар аз масоил ва мушкилоти рӯзгори хеш бо сурудани шеъру таронаҳои дилошӯб ба истиқболи он рафта, ба шодиву тараб мепардохтанд.

***Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,***
***Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.***
***Мурғони ҳаво ҷумла бикарданд парвоз,***
***Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.***

Баъди муқаддимаи мухтасар доир ба таърихи ин иди аҷдодӣ мехостем бо истифода аз адабиёти дастрас ва маводи ҷамъоварда аз сарчашмаҳои гуногун ба хонандаи азиз маълумоти муфассалеро пешниҳод намоем.

**НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ НАВРӮЗИ АҶАМ**

Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти тоҷику форс оид ба пайдоиши Наврӯз фикрҳои мухталиф баён гаштааст. Чунончи, дар «Таърихи Табарӣ», «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Хайём ва чандин расоили дигар ба исми шахсиятҳои асотирӣ Ҷамшед ва Каюмарс алоқаманд дониста мешавад. Пайдоиши Наврӯзро ба даврони шоҳ Ҷамшед, ки дар асотирҳои қадима мо бо он вомехӯрем, нисбат медиҳанд. Куруши Кабир ва Дорои бузург дар толорҳои бузурги Тахти Ҷамшед, аниқтараш дар Қасри Сафед бо иштироки аҳли созу наво аз табақаҳои мухталиф Наврӯзро беш аз як ҳафта ҷашн мегирифтанд.

Аз ривоётҳои дигар, ки ба таърихи Наврӯз ишора мешавад, дар Наврӯз ба кори ҷаҳон пардохтани Ҳазрати Одам, дар ин рӯз тоҷи заррин ба сар кардани Ҷамшед, нигини гумкардаи хешро пайдо кардани Ҳазрати Сулаймон ва ғайра то таҷлили бошукӯҳи он дар давраҳои салтанатдории Ҳахоманишиҳо, Кӯшониён, Ҳайтолиён, Сосониён ва Сомониён мебошад.

Наврӯз аз қадим то ба имрӯз гувоҳи



он аст, ки ин ҷашн аз қадимулайём ба фарҳанги мардумӣ ва давлату давлатдориҳои мутамаддини мо ворид шудааст ва беҳтарин сифоти он дар ин рӯзҳо кинаҳоро аз дил нест кардан, ба якдигар ғамхору меҳрубон будан, ба ҳама инсонҳо дари сулҳу ваҳдатро боз кардан будааст.

Сарнавишти ҷашни Наврӯз ба сарнавишти муборизаҳои мардуми тоҷик барои нигаҳдории ҳувияти миллӣ ва барқарорсозиву пойдории давлати худ пайваст аст.

Вожаи «Наврӯз» аз ду вожаи форсӣ «нав» ва «рӯз» таркиб ёфта, ба ду маънӣ истифода мешавад. Гузаштагони мо «ново сардо» гуфта соли навро мегуфтанд ва Наврӯзро ба ду қисмат ҷудо мекарданд:

Наврӯзи ом-оғози баҳор, оғози соли нав.

Наврӯзи хос-рӯзи шашуми моҳи Фарвардин ё худ Хурдод.

Агар ба осори аз замони Ҳахоманишиҳо назар афканем, мебинем, ки «Наврӯз» дар даврони сулолаи ин хонадон бо риояи русуми аҷдодӣ бо шукӯҳу ҷалоли хоса таҷлил карда шудааст.

Дар замони Ашкониёну Сосониён ҷашни «Наврӯз» боз ҳам пурмаънитар, боз ҳам бошукӯҳтар гардида, ба ҳукми анъана даромада буд. Дар ин давра Наврӯзро дар давоми шаш рӯз (наврӯзи кӯчак ва наврӯзи бузург) таҷлил мекардагӣ шуданд.

Наврӯз essentially онвчунон ба афкори маънавии халқ нуфуз пайдо карда буд, ки баъди қабули Ислом ҳам аҷдодони мо онро таҷлил менамуданд. Гарчанде ки ҷашнгирии Наврӯз дар замони Умавиён ва Аббосиён ба андозае суст гардид, анъанаҳои наврӯзӣ дар замони сулолаи тоҷиктабори Сомониён ривоҷи тоза касб кард

Анъанаҳои наврӯзии таҷдидёфтаи даврони сомониён ҳатто дар давраи ҳукмронии турктаборон низ давом ёфт. Масалан, бо супориши махсуси Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ донишмандон ва мунаҷҷимони замон, аз ҷумла Хайёми Нишопурӣ камари ҳиммат баста, тақвими Ҷалолиро мураттаб сохтанд. Тибқи нишондоди ин тақвим, рӯзи аввали баҳор низ маълум карда шуд.

Ҳамин тавр, давра ба давра, ҳатто дар замони шӯравӣ, Наврӯз дар шаклҳои гуногун, дар мамолики мухталиф ба таври хос ҷашн гирифта мешуд.

Донишманди маъруфи тоҷик Кароматулло Олимов менависад: «Наврӯз на танҳо ихтилофе бо ислом надорад, балки бо фарҳанги исломӣякҷоя тафаккури миллиро ғанӣ намуда, ҳамчун синтези фарҳанги тоисломӣ ва исломӣ, ҳамчун ҷузъи муҳими рӯҳи боландаи миллати мо буруз менамояд».

Ин ақидаҳо дар маҷмӯъ таҳаммулпазирии Ислом ва намояндагони онро ба илм ва русуми мардуми ғайриараб ошкор менамояд ва нишон медиҳад, ки тангназарии баъзе «исломшиносон» дар мавриди иди аҷдодии мо - Наврӯз, имрӯз асоси кофӣ надорад.

Ҳамчуноне ки аз манобеъ ва сарчашмаҳои исломӣ маълум мегардад, ҳадафи нузули ислом ин дур сохтани ҳар миллату халқият аз арзишҳои волои миллӣ нест, балки дар бисёр мавридҳо бар он аст, ки арзишҳои муҳимму суннатҳои миллиро нигоҳ дорад. Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар таълимоти дини ислом танҳо барои беҳзистии халифаи Худованд-Одам (а) нигаронида шудааст ва мубориза алайҳи ҳама гуна гаравишҳои ботилае, ки ба фитрати одамӣ таъсири манфӣ меорад, эълон намудааст.

Масалан Расули Худо (с) дар ин маврид фармудаанд:

“Касе, ки одат ва суннати некеро поягузорӣ кунад ва бад-он амал шавад, подоши амали худаш ва низ ба андозаи подоши дигар амалкунандагон (ба он суннат) ба вай дода мешавад, бидуни он ки аз подоши амалкунандагон кам шавад. Ва касе ки суннати бадеро поя гузорад ва бад-он амал шавад, гуноҳи амали худаш ва дигарон бар ухдаи ӯст, бидуни он ки аз гуноҳи дигарон коста шавад”.

Дуруст аст, ки ислом аз рӯзҳои аввали зуҳураш ба бисёр идҳо ва равияҳои даврони ҷоҳилия зиддият намуда ва ҳатто монеъ гардидааст. Лекин доири Наврӯз на дар Қуръон ва на дар аҳодиси набавӣ ба ҷуз аз чанд ҳадиси мухталиф ҳамчун ид монеияти ҷиддӣ дида намешавад. Аз бузургони дин баҳри густариши ин ид ақоиди манфиатноке пешниҳод гардидааст. Ва ин амалҳо шоҳиди он аст, ки оини ислом одоту русумеро, ки хайру салоҳе доранд, мепазирад.

Имом Бухорӣ дар «Ат-таърихул-кабир» аз Ҳаммод ибни Салама аз Алӣ ибни Зайд аз Сиъри Тамимӣ чунин ривоят мекунад: “Барои Алӣ (р) фолуда (туҳфа) оварданд. Алӣ (р) пурсид: ин чист? Гуфтанд: имрӯз Наврӯз аст. Алӣ (р) фармуд: Ҳар рӯзро Наврӯз кунед”.

Ҳадисе аз Имом Ҷаъфари Содиқ нақл шудааст, ки: «Рӯзи Наврӯз ҳамон рӯзест, ки Худованд дар он (рӯз) аз бандагонаш паймон гирифт, ки ӯро парастиш кунанд ва ҳеҷ чизро шарики ӯ надонанд.

Ва ин ки ба паёмбарон имон биёваранд. Ва он нахустин рӯзе аст, ки хуршед дар он тулӯъ карда ва бодҳои бордоркунанда дар он вазидааст ва гулҳо ва шукуфаҳои замин офарида шудааст…»

**НАВРӮЗ ҶАҲОНӢ ШУД.**

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ба таври расмӣ ба танзим даровардани анъана ва оинҳои гузаштагони миллати тоҷик ба миён омад.

Бо пешниҳоди хирадмандонаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 феврали соли 2010 дар шаҳри Ню-Йорк дар тасвиби қатъномаи 6-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид «Рӯзи байналмилалии Наврӯз ва фарҳанги сулҳ» шиносномаи нав – шиносномаи ифтихории байналмилалиро мушарраф гардид.

Пас аз таҳия ва баррасии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми ноябри соли 1995-ум Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо истифода аз ваколати қонунгузории худ, ба зери Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» имзо гузошт.

Тибқи сархати 3-юми банди 1-уми қонуни мазкур 21-22 –юми март дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷашни Наврӯз эътироф карда шудааст. Дар саҳифаи таърихи миллати тоҷик санаи 23-феврали соли 2010 –ум низ чун рӯзи фаромӯшнашаванда сабт гардидааст. Зеро маҳз ҳамин рӯз бо ташаббуси Тоҷикистон ва якчанд кишварҳои дигари ҷаҳон Иҷлосияи 64-уми Маҷмааи Умумии СММ дар бораи «Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон кардани 21- март қарор қабул кард.

21-июли соли 2010 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйирот ворид шуда, ба ҷойи «Ҷашни Наврӯз» «Иди байналмилалии Наврӯз» навишта шуд. Ҳамзамон, бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар «Нишони Наврӯз», ҳамчун рамз таҳия ва тасдиқ гардид. «Нишони Наврӯз», он дар шакли кураи Замин таҳрезӣ шудааст, кутбҳои шимолу ҷануб, нурафшонии офтоб, оғози бедоршавии табиат, айёми кишту кори донагиҳои умед ва фасли баҳору шукуфоӣ инъикос гардидаанд.

**ОИНУ АНЪАНАҲО Ё РУСУМИ НАВРӮЗӢ**

Ҳар як ҷашни миллӣ аз маҷмуи расму оинҳое иборат аст, ки таҷлил ё ба ҷо овардани ин расму оин ба шукуҳи ҷашнвораҳо зиннати хосса зам менамоянд. Наврӯзи мо низ аз расму оинҳои муайяне иборат аст, ки дар чанд ҷумлаи поён оид ба баъзе аз он расму оинҳои Наврӯзӣ сухан хоҳем кард.

Наврӯз ҳамчун иди фархундаву фараҳбахше, ки табиат аз хоби тӯлонӣ бархоста, сарсабзу гулафшону муаттар мегардад, чеҳраи сероби дилрабояшро ба ҷилва оварда ба дилҳо эҳсоси умеду хуррамӣ, ба машом тозагию накҳати сабзаю майса, гулу себарга ва ҷисму рӯҳ сабукӣ эҳдо мекунад, албатта тасхиргари дилу хотири ҳар фард буда, беасар намемонад. Наврӯз ва расму анъанаҳои он барои ҳамаи халқҳои ориёӣ, ба истиснои баъзе аз маъракаву маросим умумияти ягона дорад. Маъсалан, дар сарзаминҳои тоҷикнишин то инқилоб суннату оинҳои зиёде марбут ба ҷашни Нарӯзӣ вуҷуд доштанд, ки яке аз онҳо сайргоҳи наврӯзӣ буд.

Дар гузаштаи наздики мо дар Кӯлоб сайргоҳ ё наврӯзгоҳи Кӯлоб дар мавзеи Тамошотеппа воқеъ будааст ва бахши-

*(Идома дар саҳ.4)*

# ДАР ШИНОХТИ НАВРӮЗ

*(Идома аз саҳ.3)*

да ба Соли нав дар болои Тамошотеппа сайри калон баргузор мегардид, ки он ду ҳафта давом мекард. Он бо иштироки беки Кӯлоб дар яке аз рӯзҳои ҷумъа оғоз меёфт ва тамоми ҳунармандон, паҳлавонон, ҷавонмардон, дорбозон, қаннодону намояндагони дигар касбҳо дар он иштирок мекарданд.

Ба сайри Тамошотеппаи Кӯлоб аз Қаротегин, Дарвоз, Муъминобод, Ховалинг, Даштиҷум, Фархор, Саройкамар, Сари Хосор ва баъзан аз Ҳисору Янгибозор (Ваҳдат) ва Файзобод низ паҳлавонон, навозандагон, ҳофизон, раққосон, масхарабозон,ҷовандозон ва инчунин мухлисону тамошобинон ҷамъ меомаданд. Рӯзона мусобиқаҳои гӯштингирӣ, бузкашӣ шуда, дар фосилаи байни онҳо барномаҳои суруду мусиқӣ, масхарабозӣ сурат мегирифт, Шабона оташ афрӯхта, базми ҷавонӣ созмон медоданд. Доирадастони моҳир доира навохта, раққосон бо тамоми санъат мерақсиданд ва мардумро хушҳол месохтанд. Аз ҷониби Бек ба беҳтаринҳо ҷомаву хилъат ва туҳфаҳои қиматбаҳо тақдим карда мешуд.

Дар Самарқанд дар Наврӯз сайри оби Раҳмат баргузор мешуд. Мардум аз гандуми кӯфта, гӯшт ва равған таомҳои махсус тайёр мекарданд. Дар охири соли Аҷам, шаби душанбеи охири сол дар рӯди оби Раҳмат ҷамъ омада, ғусл ва таҳорат мекарданд. Оббозӣ бо мақсади шустани гуноҳҳон ва обутоби бадан сурат мегирифт.

Навъи дигари сайрҳо ин зиёрати мазор, мақбара ва зиёратгоҳҳои одамони барҷаста ва эътиқодӣ буд, ки рӯзи чоршанбе баргузор мешуд. Баргузории сайр ва ҷорабиниҳо бахшида ба Наврӯз характери оммавӣ дошта, дастаҷамъӣ сурат мегирифт.



***«Ҳафтсин» ва «Ҳафтшин».*** Аз нахустин шӯълаи Офтоби оламфрӯз субҳи наврӯзӣ ва оростани хони идонаи «ҳафт син» бо меваю сабза ва шарбату хӯрокҳои лазиз дар суфраи идона то рӯзи сездаҳбадар ва ба оби равони табиат андохтани сабзаҳои Наврӯзӣ як давраи комили шодию сурури идона дар саросари сарзамини мардуми эронитабор ва ақвоми ҳамҷавори он ба шумор меравад.

Ин давраи шодию сурур бо фаро расидани Наврӯз аз нишасти хонавода дар сари суфраи идона бо қалби поку шодмонӣ, лабханду хотири болида оғоз мегардад.

То пазируфтани дини ислом мардуми ориёнажод хони Наврӯзиро бо ҳафт навъ ғизое оро медоданд, ки аввали ҳарфи калимаҳояшон бо ҳарфи «ШИН»-«ше» оғоз мегардид, ва ин ҳафт анвоъ иборат буданд аз «шакар», «шамъ», «шарбат», «шароб», «ширинӣ», «шона».

Дар робита ба ин гуфтаҳои боло рубоие манзур мегардад, ки аз мардуми Хуросон то ба мо расидааст:

***Ҷашни Наврӯз аз замони каён***
***Мениҳоданд мардуми Эрон.***
***Шаҳду ширу шаробу шакари ноб***
***Шаъму шамшоду шоя андар он.***

«Ҳафтсин» хони Наврӯзист, ки дар ҷашни наврӯзӣ бо маводи гуногун, аз ҷумла бо ҳафт намуд чизе, ки бо ҳарфи форсӣ «СИН» шурӯъ мешаванд, оро ва зебу зинат дода мешавад: «синҷид», «сабза», «самоқ», «сир», «суманак», «сикка» ва «сирко».

Хулас Наврӯз яке аз маҳбубтарин ва маъруфтарин идҳои миллии мо буда, ниёгонамон онро аз аҳди бостон ҷашн мегирифтанд. Бо ҳамин мақсад дар пойтахти мамлакатамон шаҳри Душанбе «Кохи Наврӯз» ва «Наврӯзгоҳ» бунёд гардиданд, ки имрӯз ба макони баргузории ҷорабиниҳои наврӯзӣ табдил ёфтааст.

Наврӯз, воқеан, бо ҷанбаи фарҳангиву мардумии худ миёни хосу ом маҳбубият пайдо кардааст, ӯ хислатҳои зебоипарастиву меҳмоннавозӣ ва накӯкориву хайрхоҳиро дар қалби инсонҳо ҷо намуда, табиатро бедор месозад, равшаниро бар зулмот, гармиро бар сардӣ пирӯз мегардонад ва шодиву сурури мардумро ба зиндагӣ бештар месозад.

***Насим САИДОВ,***
***мудири шуъбаи кор бо ҷавонони КИ ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб***

***«Тамаддуни халқи мо бо Наврӯз оғоз мегардад, яъне Наврӯз оғозгоҳи мардуми фарҳангии мо маҳсуб ёфта, аз дастовардҳои бостон то имрӯз бо беҳтарин арзишҳои худ ба зиндагии мо ранги тароввати хоса мебахшад. Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва ҳуҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо Наврӯз дубора зинда мешуданд».***

***Эмомалӣ РАҲМОН***

# ПАЙКИ НАВРӮЗӢ

Наврӯз иди бостонӣ ва анъанавии мардуми Эронинажод, аз ҷумла тоҷикон мебошад, ки ба рӯзи аввали солшумории шамсӣ 1-уми фарвардин (ҳамал) ё ба 21 – марти солшумории мелодӣ рост меояд.

Наврӯз бо асотири космогонӣ оид



ба табиати муранда (дар зимистон) ва зиндашаванда (дар баҳор) вобаста аст.

Наврӯз дар аҳди Ҳахоманишиён ба ҳукми анъана даромада, ба иди расмии эрониён табдил ёфт. Ривоятҳои бостонӣ оғози ҷашни Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат медиҳанд. Мувофиқи тақвими авестоӣ, ки дар Осиёи Миёна ва Эрон аз асри 7 то мелод ҷорӣ буд, ҷашни аввали баҳорро Наврӯз номиданд. Ҷашни аввали тирамоҳро Меҳргон ва ҷашни рӯзи 10-уми баҳманмоҳ, яъне 30-юми январ, ки 50 рӯз пеш аз Наврӯз меояд, Сада мегуфтанд. Ривоятҳо ва ақидаҳо дар бораи таърихи пайдоиши Наврӯз хеле зиёданд. Мувофиқи маълумоти Абӯрайҳони Берунӣ шоҳони Сосонӣ Наврӯзро шаш рӯз ҷашн мегирифтанд.

Шоҳони сосонӣ дар рӯзи аввали Наврӯз дар қаср нишаста, мардумро қабул мекарданд. Рӯзи дуюм шоҳ дар дарбор мансабдорон ва давлатмандонро даъват намуда, суҳбатҳо меоростанд. Рӯзи сеюмро шоҳ бо мӯбадон, яъне бо рӯҳониён мегузаронид. Рӯзи чаҳорум суҳбат бо аҳли дарбор мекард. Рӯзи панҷум фарзанду хешу таборонро пазирой мекард. Рӯзи шашум худи шоҳ Наврӯзро ҷашн мегирифт. Ҷашни рӯзи шашумро рӯзи Наврӯзи Бузург меномиданд.

Арабҳо баъди истилои Осиёи Миёнаю Эрон кӯшиш мекарданд, ки ҷашнҳои қадимаю анъанавии халқҳоро аз байн баранд. Ҳалқҳои Осиёи Миёнаю Эрон ба зулму ситами аҷнабиён нигоҳ накарда, Наврӯзро ҷашн мегирифтанд.

Арабҳо ноилоҷ Наврӯзро «Суннати Ҷамшед» номида, ба ҷашнгириашон иҷозат доданд.

Дар давраи Сомониён ҳам анъанаҳои бостонии халқи тоҷик Наврӯз ва Садаю Меҳргон бо як шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешуданд.

***Зебо БОЗОРОВА,***
***«Ҳамрози халқ»***

БОЯД БИДОНЕМ

# СУННАТҲОИ ХОСИ НАВРӮЗӢ

Ҳар нафар дар вақти бомдод пеш аз он, ки сухан гӯяд, шакар, яъне ширинӣ бичашад, сару тан бишӯяд, аз дарду ғаму балоҳо эмин хоҳад монд.

Ҳар фарде, ки бо адлу хирад аст, сухани нек ба забон орад, хуш бигӯяд, то Наврӯзи дигар саодатманд хоҳад буд.

Зане, ки субҳи барвақти Наврӯз чеҳраи худ биорояд, либоси тозаву шинам ба бар кунад, сухани хуш ба забон орад ва бо ханда ба оина бингарад, то Наврӯзи дигар хушбахт бошад.

Дар рӯзи аввали Фарвардин либоси нав пӯшидану сафар кардан, амали некеро ба ҷо овардан, ҳадя намудан ва ба наздикони худ об пошидан савоб аст.

Дар рӯзи Ҳурмузд муҳр ба коғаз ниҳодану авф кардан амали нек ва қарз додан бад аст.

Агар касе ба бадан хушбӯиҳо бизанад ва худро муаттар гардонад, то Наврӯзи дигар шодмониҳо насибаш бошад.

Қабл аз Наврӯз нохун гирифтану мӯй тарошидан, перостану оростан аз одатҳои аҳли биҳиштанд ва Худованд гуноҳи эшонро биёмурзад.

Бонувоне, ки дар рӯзи ҷашни Наврӯз гул ба мӯю гӯши худ мезананд, аз шахсиятҳои саодатманд хоҳанд буд, барои он ки Наврӯз иди покиву зебоист.

Оташ афрӯхтану дар гирди он рақсидану суруд хондан расми пок шудан аз гуноҳҳост.

Шоҳонро бор додани халоиқ ва сафирону малоики ҳамсоя некӯ бувад.

Рӯзи 5-уми Фарвардин Испандрӯз – иди бузурги ҷавондухтарон ва бешавҳарон аст. Ҳар бону дар ин рӯз ба шавҳар барояд, ба тамоми умр хушбахт хоҳад шуд.

Дар рӯзи Испанд дӯстони Худованд ниҳол мешинонанд.

Ҳар тане бӯи хуш бибӯяд, бадиҳо аз худ дур дорад, фоли нек бизанад, бадгӯӣ накунад умраш дароз хоҳад буд.

Ҳар касе падару модари худро аёдат биравад, номи эшонро ба забон биёварад, бузургонро зиёрат, аз бузургони роҳдур ёд намояд, се бор номашонро бигирад ва ба ниёишашон биафзояд тамоми умр мавриди эҳтиром қарор хоҳад гирифт.

Ҳар хонаводае, ки маҳалли зисташро офтоб бидиҳад, пок гардонад, либосу палос тоза кунад, аз тамоми бемориҳо раҳоӣ хоҳад ёфт.

Шахсе, ки рӯду рӯдхонаҳоро тоза медорад, ҷӯю чашмасорҳоро эҳтиёт мекунад, аз наздикони Парвардигори олам пазируфта мешавад, чунки об аз нахустин офарандаҳои Худованди яктост.

***Гирдоваранда Зебо БОЗОРОВА***



ДАР РОСТОИ СОЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ

## РИСОЛАТИ МО ХИЗМАТ БА ХАЛҚ АСТ!



Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои муовини якуми Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки дар ҷамъбасти Ситоди марказии пешаз-интихоботии ҳизбӣ санаи 10-уми марти соли равон  ироа доштанд, ҷаласаи назди раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон баргузор гашт. Раиси Кумитаи иҷроия Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода вобаста  ба вусъат бахшидани раванди корҳои ободониву созандагӣ ба хотири сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили ҳашарҳои дастаҷамъона бо ҷалби фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва дигар чорабиниҳои оммавӣ дар арафаи Наврӯзи байналмилалӣ, мусоидат дар ҳалли проблемаҳои маҳал, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, сафарбаркунии ҷавонон ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи кишвар, пешгирии амалҳои номатлуб ва ҳалли дигар масъалаҳои дохилиҳизбиро баррасӣ намуда, ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дод.

## ВАТАН ОБОДИАТ ОБОДИИ  МОСТ!



Бо мақсади омӯзиш ва татбиқи дастуру супоришҳои Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таблиғу ташвиқи Барномаи ҲХДТ барои солҳои 2020-2025 дар ташкилоти ибтидоии “Боғи Ҳабиб”-и Ҷамоати деҳоти Сари Хосори ноҳияи Балҷувон вохӯрии масъулони Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҲХДТ бо аъзои ташкилоти болозикр доир карда шуд.

Дар суҳбат раиси Кумитаи иҷроияи ҳизб оид ба мазмуну муҳтавои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, Барномаи ҲХДТ ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизб  баромад намуда, қайд кард, ки ҳар як фарди бо нангу ори Ватанро лозим аст дар татбиқи сиёсати пешгирифта ва иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, ки аз Паёми имсола бармеоянд, саҳмгузор бошад ва бо амалҳои созанда дар пешрафти Тоҷикистони маҳбубамон ҳиссагузорӣ намояд.

*н.БАЛҶУВОН*

## ҲХДТ ҶОМЕАРО АТРОФИ ҒОЯҲОИ СОЗАНДАГИВУ БУНЁДКОРӢ МУТТАҲИД МЕНАМОЯД



Роҳбарияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар бо сокинони маҳаллаи Дӯстӣ оид ба татбиқи Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шарҳу тавзеҳи Барномаи ҲХДТ барои солҳои 2020-2025 вохӯрӣ доир карданд.

Дар мулоқот ташкилкунандагони чорабинӣ қайд намуданд, ки барномаи ҳар ҳизб муаррифгари ҳадафу мақсад ва муайянкунандаи самти роҳест, ки ҷомеаро мехоҳад аз пушташ ба он самт барад. Маҳз бар ҳамин поя ҷомеа тасмим мегирад бо кӣ ва чи мақсаду ҳадаф ба куҷо равад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли 25 сол собит сохт, ки метавонад ҷомеаро атрофи ғояҳои созандагиву бунёдкорӣ муттаҳид намуда, бо амалӣ гардонидани барномаҳои мушаххас халқро ба пеш, ба сӯи қуллаи мурод муваффақона раҳнамоӣ кунад.

*ш.БОХТАР*

## ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ РАҲНАМОИ МИЛЛАТ АСТ!



Бо  мақсади амалӣ намудани дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намуда буданд, дар ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии ноҳияи Қубодиён суҳбату вохӯриҳои судманд баргузор гардида истодааст.

Вобаста ба масъалаи зикргардида дар ташкилоти ибтидоии ба номи “Мирзо Турсунзода” хониши сиёсӣ дар мавзӯи “Паёми Пешвои миллат-раҳнамои миллат”, Барномаи ҲХДТ барои солҳои 2020-2025 ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ мулоқот доир гардид. Дар он масъулин вобаста ба масъалаҳои болозикр андешаронӣ намуда, аз ҷамъомадагон ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, ки аз Паём бармеоянд, даъват ба амал оварданд.

*н.ҚУБОДИЁН*



## ТАЛОШ БАРОИ ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ МЕКУНЕМ!

Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш бо аъзои ташкилоти ибтидоии «Сохтмон»-и Ҷамоати деҳоти Тоҷикобод вохӯрӣ баргузор намуданд.

Зимни суҳбат намояндагони ҳизб аз бандҳои Паёми имсола ва самтҳои афзалиятноки Барномаи ҲХДТ барои солҳои 2020-2025 ёдрас шуда, қайд намуданд, ки дар ҳафт соли охир рушди иқтисодиёти кишвар ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 45,6 миллиард сомонӣ ба 78 миллиард афзоиш ёфт. Дар ин давра ҳаҷми умумии даромади буҷет қариб ду баробар афзуда, аз 12 миллиард сомонии соли 2013 ба 23 миллиард сомонӣ баробар шуд. Тайи солҳои зикршуда даромади пулии аҳолӣ беш аз ду баробар ва музди меҳнати миёнаи як корманд 2,4 баробар афзоиш пайдо кард. Бақияи пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар соли 2019 беш аз 9,5 миллиард сомониро ташкил карда, дар ҳафт соли охир 45 фоиз зиёд гардид. Сатҳи камбизоатӣ ба 27,5 фоиз паст шуда, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон то 75 сол боло рафт.

Мулоқот бо суолу пешниҳодҳои сокинон вобаста ба масъалаҳои зикршуда анҷом ёфта, иштирокдорон аз ин вохӯрӣ таассуроти нек бардоштанд.

*н.ВАХШ*

Бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми навбатии Президенти мамлакат муҳтарам  Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ва Барномаи ҲХДТ барои солҳои 2020-2025 дар ташкилоти ибтидоии “Деҳаи Гули зиндон”-и ноҳияи Данғара бо иштироки роҳбарияти



## 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТРО САЗОВОР ИСТИҚБОЛ МЕГИРЕМ!

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи мазкур вохӯрӣ доир гардид.

Дар мулоқот масъулон иброз доштанд, ки дар Паём тамоми самтҳои муҳими хоҷагии халқ аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври  мушаххас шарҳу тавзеҳ дода шудааст, ки мо шаҳрвандони ватандӯст метавонем аз он дар фаъолияти ҳаррӯзаамон истифода барем ва барои пешрафту шукуфоии Ватани азиз саҳми худро гузорем. Дар охир ҳамагон даъват бар он гардиданд, ки таҳти сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат муттаҳид шуда, ҷашни пурифтихори давлату миллат - 30-солагии Истиқлолияти давлатиро сазовор пешвоз гирем.

*н.ДАНҒАРА*



## РУШДИ САЙЁҲӢ САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТ АСТ

Намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ бо сокинони Ҷамоати деҳоти Нури Вахши ноҳияи Дӯстӣ  вохӯрӣ доир карданд.

Дар суҳбат намояндагони Кумитаи иҷроия, аз ҷумла вобаста ба татбиқи самтҳои  Паёми имсола ва Барномаи ҲХДТ фикру андешаҳои хешро баён дошта, зикр карданд, ки рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати мо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат вобаста ба пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд. Аллакай, дар зарфи соли якуми эълон гардидани “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар деҳоти мамлакат як қатор пешравиҳо ба назар расида, рушди сайёҳӣ ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ идома ёфта истодааст. Бо вуҷуди ин, мо бояд суръати ободонӣ ва бунёдкориро боз ҳам вусъат бахшем, мушкилоти ҷойдоштаро бартараф созем ва барои рушди деҳот, сайёҳӣ ва тақвияти омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоем.

*н.ДӮСТӢ*

Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант тавассути Аксияи ҳизбии «Якҷоя ҳал мекунем!» дар якҷоягӣ бо сокинони маҳаллаи Обшорони шаҳр як қатор корҳои назаррасеро бахшида ба истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба анҷом расониданд.



## АКСИЯИ ҲИЗБӢ ДАР МАҲАЛ ДАСТГИРӢ ЁФТ

Дар ин чорабинӣ  сокинон  бо рӯҳбаландӣ аз сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлат ва шукргузорӣ аз фазои сулҳу субот ба таъмири роҳи маҳаллаи  навбунёд машғул шуда, ба воситаи техникаҳои пуриқтидори Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳр роҳи маҳалла тахту ҳамвор карда шуд.

Намояндагони Кумитаи иҷроияи ҳизб зимни суҳбат сокинонро барои иштироки фаъолона дар корҳои созандагиву бунёдкорӣ, саҳм гузоштан дар рушду тараққиёти Тоҷикистони азиз даъват намуданд.

Инчунин, масъулин доир ба дастовардҳои 28-соли Истиқлолияти давлатӣ, сафарбар кардани ҷавонон ба сафи хизмати ҳарбӣ ва дуруст ба роҳ мондани амалҳои хайру саҳо ба хотири рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии деҳот, ки ин ҳама аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ бармеоянд, суханронӣ намуда, аз иштирокдорон ҷиҳати иштироки фаъолона дар Аксияи ҳизбӣ изҳори миннатдорӣ баён карданд.

*ш.ЛЕВАКАНТ*

ДАР РОСТОИ ТАҶЛИЛИ САЗОВОРИ ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

## СОКИНОН ҶОНИБДОРИ СИЁСАТИ ПЕШГИРИФТАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТАНД



Вохӯрии навбатии кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ бо аъзо ва ҷонибдорони ташкилоти ибтидоии “Сомонӣ-2” баргузор гардид.

Масъулин зимни баромад оид ба самтҳои Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ қайд карданд, ки бо талошҳои Ҳукумати мамлакат дар панҷ соли охир бо ширкатҳои сармоягузории хориҷӣ ва ватанӣ 14 созишномаи сармоягузорӣ ҷиҳати ҷалби сармояи мустақим ба маблағи беш аз 14 миллиард сомонӣ ба имзо расонида шудааст ва бо татбиқи онҳо 20 корхонаи нави истеҳсолӣ бунёд карда мешавад. Ҳоло дар соҳаи энергетика 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 16,1 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Иброз шуд, ки дар доираи ин лоиҳаҳо мо ду агрегати неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба кор андохтем. Соли 2019 таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» ба маблағи 5,5 миллиард сомонӣ оғоз гардида, татбиқи чунин лоиҳа дар неругоҳи барқи обии “Сарбанд” ба маблағи 1,3 миллиард сомонӣ идома дорад.

Дар охир аз сокинон ҷиҳати расидан ба қадри заҳматҳои шабонарӯзии Роҳбари давлат дар самти рушди тараққиёти кишвар даъват ба амал оварда шуд.

*н.ПАНҶ*



## БУНЁДИ “РОҒУН” КАФИЛИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА

Дар толори хоҷагии ба номи Т.Исанкулови Ҷамоати деҳоти Гулистони ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ мулокоти масъулони Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҲХДТ бо сокинони маҳал доир гардид.

Дар вохӯрӣ раиси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб қайд дошт, ки таъмини истиқлолияти пурраи энергетикӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа мебошад. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ баён доштанд, ки ҳоло дар соҳаи энергетика 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 16,1 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Дар доираи ин лоиҳаҳо мо ду агрегати неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба кор андохтем. Соли 2019 таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» ба маблағи 5,5 миллиард сомонӣ оғоз гардида, татбиқи чунин лоиҳа дар неругоҳи барқи обии “Сарбанд” ба маблағи 1,3 миллиард сомонӣ идома дорад. Таҷдиди неругоҳи барқи обии “Сарбанд” аввали соли 2021 ба анҷом расида, дар натиҷа иқтидори он қариб 45 мегаватт зиёд карда мешавад. Бо ин мақсад ташкилкунандагони чорабинӣ аз ҷамъомадагон даъват ба амал оварданд, ки дар истифодаи самараноку сарфаҷӯёнаи неруи барқ ва пардохти саривақтии маблағи он бетараф набошанд.

*н.Ҷ.БАЛХӢ*

## ПАЁМ МАҶМӮИ АНДЕШАҲОИ ОЯНДАСОЗ

Масъулони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик бо аъзои ташкилоти ибтидоии “Сартез” вохӯрӣ баргузор намуданд.



Масъулин дар суҳбат атрофи бандҳои Паёми имсола, самтҳои муҳими Барномаи ҲХДТ ва эълон гардидани солҳои 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ андешаронӣ карда, зикр намуданд, ки рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат вобаста ба пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд. Зикр шуд, ки аллакай, дар зарфи як соли эълон гаштани “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар деҳоти мамлакат як қатор пешравиҳо ба назар расида, рушди сайёҳӣ ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ идома ёфта истодааст.

Инчунин иброз гардид, ки ҲХДТ ба хотири амнияти миллӣ, фаъолияти бомаром ва самараноки сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, идораи равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳимояи онҳо аз зуҳуроти номатлуби ифротгароию терроризм, кочоқи маводи мухаддир, одамрабоӣ ва дигар равияҳои тафриқаангези динию мазҳабӣ, ки ҳадафи онҳо бо роҳи зӯрӣ ба даст овардани ҳокимият, аз байн бурдани сохти конститутсионӣ ва вайрон кардани тамомияти арзии давлат мебошад, дар доираи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста талош меварзад.

*н.ТЕМУРМАЛИК*

Масъулони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин бо афсарону аскарони қисми низомии 0308-и Кушунҳои сарҳадии КДАМ вохӯрӣ намуданд.



Дар вохӯрӣ кормандони масъули ҳизбӣ дар назди афсарону аскарони қисми низомӣ дар бораи

## ХИЗМАТИ ВАТАН – МОДАР ҚАРЗИ ШАҲРВАНДИИ ҶАВОНОН АСТ!

дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми беназири Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкиму суботи амнияти миллии мамлакат ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ ибрози ақида намуда, таъкид карданд, ки сарбозону афсарони шуҷои Ватанро лозим аст, бо иродаи қавӣ, далерию шуҷоатмандӣ қарзи фарзандии хеш – хизмати Ватан-Модарро сарбаландонаву содиқона иҷро намоянд.

*н.Ш.ШОҲИН*

## ОЗМУНИ “БОНУИ ҲУНАР” ҶАМЪБАСТ ГАРДИД



Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Носири Хусрав бо мақсади баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа дар ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар маҳаллаю деҳаҳо вохӯриҳо баргузор намуд.

Дар ташкилоти ибтидоии маҳаллаи “Баҳор” озмуни «Бонуи ҳунар» бо иштироки фаъолонаи занону духтарони маҳалла баргузор гардида, дар он махсули бо дастони худ офарида, аз ҷумла хӯрокҳои миллӣ, тарзи дастурхонорой ва омода кардани ҳар гуна хӯришҳоро намоиш доданд.

Озмун натиҷагирӣ карда шуда, роҳбарияти Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб занону бонувони фаъолро бо Сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карданд.

*н.Н.ХУСРАВ*

## ҶАМЪБАСТИ ДАВРИ ОМӮЗИШИИ «АЗ МОДАР ТО РОҲБАР»



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб чорабинии сиёсӣ-фарҳангӣ таҳти унвони "Модар ҳаётбахши инсон" баргузор гардид.

Чорабинӣ бо суханронии раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Ҳамидиён Орзу оғоз гардида, аз ҷумла гуфта шуд, ки зан - модар шахсиятест, ки насли имрӯзу ояндаро дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва дӯст доштани Ватан тарбия намуда, ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳсипор менамояд.

Дар идома, Шарофат Худойдодова номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори ДДК, Одилзода Дилбар узви Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, директори муассисаи давлатии "Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Кӯлоб", Ҳасан Шоинов, узви Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб, саромӯзгори ДДК, инчунин дигар иштирокдорони ҳамоиши мазкур дар васфи зан - модар андешаҳои худро баён доштанд.

Бояд гуфт, ки тӯли як моҳ дар назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб даври омӯзишии "Аз модар то роҳбар" бо иштироки занону ҷавондухтарони фаъолу ояндадор аз ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ занони фаъол, ки дар амалишавии ҳадафҳои Барномавии ҲХДТ саҳми арзанда гузоштанд бо Сипоснома ва иштирокчиёни омӯзиш бо Сертификати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб қадршиносӣ шуданд.

Дар охир аз ҷониби аъзои ТҶҶ "Созандагони Ватан" бахри болидахотирии модарону бонувон барномаи рангини суруду мусиқӣ ва саҳначаҳои ҷолиб пешкаш карда шуд.

*ш.КӮЛОБ*

## ОМӮЗИШИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИСТ

Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, Барномаи ҲХДТ барои солҳои 2020-2025 дар ташкилоти ибтидоии «М.Иқбол»-и Ҷамоати шаҳраки Дӯстӣ бо сокинон вохӯрӣ баргузор карданд.



Зимни чорабинӣ масъулин, аз ҷумла қайд карданд, ки Паёми навбатии Пешвои миллатро бо итминони комил метавон дастур, оина ва раҳнамоии воқеии худшиносии миллӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон унвон кард, зеро дар он Пешвои миллат ба таври воқеъ ба муҳимтарин рукнҳои худшиносии миллӣ- чун забон ва гиромидошти он, мутолиаи китоб, фарҳанги китобдориву китобхонии тоҷикон, шинохти манзалати таърихии миллати тоҷик, муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳои фарҳанги миллӣ, мероси ғании бузургони миллат, ки саршори ғояҳои худшиносии миллӣ мебошанд, шарҳу тафсир ёфта, дар ин замина барнома ва ҳадафҳои натиҷабахш бузург мукаррар гардидаанд.

*н.ҶАЙҲУН*

Дар Ҷамоати шаҳраки Бохтариёни ноҳияи Кӯшониён фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, аз ҷумла, кормандони масъули ҳизбӣ дар доираи Аксияи «Якҷоя ҳал мекунем!» ба ҳашари соҳилмустаҳкамкунӣ баромаданд. Ҳангоми баланд шудани сатҳи оби дарё дар натиҷаи боронҳои сел хав-



## ИЛОҶИ ВОҚЕА ПЕШ АЗ ВУҚӮЪ

фи хароб шудани соҳил дар мавзеъҳое, ки осебпазиранд аз эҳтимол дур нест. Иштирокдорони ҳашар дар ҳудуди деҳаи Дӯстии Ҷамоати шаҳраки Бохтариён бо корҳои симтурхобонӣ машғул гардиданд.

*н.КӮШОНИЁН*

# 21 МАРТ–РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАМИН БУДА, ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА РӮЗИ ЗАМИН БА ҲАМ ТАВЪАМАНД

Инҷо барои алоқамандони табиат ва донишомӯзон мехоҳам як маводи ҷолибро пешкаш кунам, ки дар ин рӯзҳо аз манфиат холӣ нест. Ҳадаф аз рӯйи чоп овардани ин матн идомаи ҷонибдории ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳифзи табиат аст. Бояд зикр намуд, ки 21 март дар дунё ҳамчун Рӯзи байналмилалии Замин таҷлил карда мешавад. Соли 1971 Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид расман ба ҳамаи кишварҳои аъзои СММ пешниҳод намуд, ки ин рӯзро ҳамчун «Рӯзи байналмилалии Модар-Замин» таҷлил намоянд. Тибқи анъана дар ин рӯз «Зангулаи сулҳ» садо медиҳад. То имрӯз дар бисёр аз кишварҳо, Рӯзи Заминро 22 апрел ҷашн мегирифтанд. Имрӯз ҳам дар баъзе аз кишварҳо ба мисли ИМА онро мисли пештара дар моҳи апрел ҷашн мегиранд ва онро бо анъанаи ниҳолшинонӣ алоқаманд мекунанд. Ташаббуси нахустин оид ба таҷлили Рӯзи Замин ҳанӯз соли 1840 аз тарафи ходими ҷамъиятии америкоӣ Ҷон Мортон пешниҳод гардида буд. Аз тарафи ӯ маъракаи шинонидани ниҳолу буттаҳо бо фарорасии фасли баҳор сурат гирифта, барномаи муносибати оқилона ба муҳити зист таҳия гардида буд.



Мақсад аз эълон доштани Рӯзи байналмилалии Заминро мутахассисон дар ҷалб намудани таваҷҷуҳи аҳолии сайёра ба тозаю озода нигоҳ доштан ва ҳифзи сайёра ҳамчун хонаи умумии ҳар як сокини он арзёбӣ намудаанд. Онҳо мегӯянд, ки 21-март интихоб гардидани Рӯзи байналмилалии Замин ба баробар шудани шабу рӯз марбут аст. Табиист, ки Рӯзи Замин ба ҷашни аҷдодии мо – Наврӯзи хуҷастапай, ки ҷашни байналмилалӣ эълон гардидааст, рост меояд. Рӯзи Замин ва ҷашни байналмилалии Наврӯз заминаҳои воқеии табиӣ доранд. Маълум аст, ки зимни баробар шудани шабу рӯз ва дар бурҷи Ҳамал қарор гирифтани сайёраи Замин дар ҳаёти сайёраи мо ва табиати зиндаи он як марҳила ба итмом расида, марҳилаи нав оғоз меёбад. Ин давра ҳамчун давраи эҳёи табиат арзёбӣ карда мешавад. Аз нуқтаи назари илми биология бошад, дар ин давра ҳама мавҷудоти зиндаи кураи Замин тағйироти куллии биологиро аз сар мегузаронанд. Организмҳое, ки неруи худро вобаста ба вақту замон аз даст додаанд ва қобилияти дар марҳилаи нав ҳаёт ба сар бурданро надоранд, аз байн мераванд. Дар мавҷудоти дигари зинда ҷараёни нави биологӣ пайдо мешавад ва бо неруи тоза ҳаёт идома меёбад. Ҷашн гирифтани Рӯзи Замин аҳамияти фалсафӣ, тарбиявӣ, башардӯстӣ ва экологӣ дорад. Дар ин рӯз дар аксар кишварҳои дунё ташаббус ва иқдомҳои наҷиб оид ба ҳифзи табиат, ёдгориҳои табиӣ, гуногунии биологӣ ва экосистемаҳои табиӣ зоҳир карда мешаванд.

Дар аксар кишварҳои дунё, ки дар нимкураи Шимолӣ ҷойгиранд, ин рӯзро бо ташаббусу иқдомҳои зиёд ҷашн мегиранд, ки ба ҳифзи муҳити зист ва ободу зебо нигоҳ доштани сайёраи Замин равона гардидаанд. Миллати куҳанбунёди мо ҳанӯз 6 ҳазор сол муқаддам мубрам будани масъалаҳои экологиро дар хотираи таърихии худ ҷой намуд ва Наврӯзи оламафрӯз на танҳо ҷашни таърихиву фарҳангист, балки воқеан ҷашни табиист. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки ҷашни Рӯзи Замин ва ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ба ҳам тавъаманд.

Боварӣ дорем, ки ин мавод барои алоқамандони табиат, омӯзгорон ва донишҷӯёну хонандагон таъсири хуб мегузорад ва сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии онҳоро баланд мебардорад. Метавон гуфт, ки матни ин мавод барои дарсҳои тарбиявӣ маводи хуби тадрис аст.

***Мадинаи ШАМСИДДИН,***
***омӯзгори фанни география дар МТМУ №25-и ноҳияи Кӯшониён***

# ҲУШЁРИЮ ЗИРАКӢ МЕБОЯД

**КОРОНАВИРУС.** Ин намуди вирус, ки хуруҷи он дар давлати Чин ба вуқӯъ омадааст, барои аҳли ҷомеа хатарнок мебошад. Агар бо микроскоп ҳангоми озмоиш ба ин намуди вирус аҳамият дода шавад, болои он бо пардаи тоҷмонанд пӯшида шудааст. Аз ин ҷост, ки он «вируси тоҷдор» ном гирифтааст. Ин ба гурӯҳи коронавирусҳое дохил мешавад, ки пеш аз ин ҳам алангаи якчанд намуди бемориҳоро ба миён овардааст. Инҳо эпидемияи шадиди вазнини роҳҳои нафас (илтиҳоби ғайритабиии шушҳо), ки соли 2003 ва бемориҳои роҳҳои нафас дар Шарқи Наздик соли 2012 ба фавти 35%-и беморон расонида буд. Барандагони ин вирус асосан ҳайвонот буда, ба инҳо мушҳои обӣ ва мор дохил мешаванд.

Алангаи марговари коронавирус аввалҳои моҳи декабри соли 2019 дар шаҳри Ухани давлати Чин ба вуқӯъ омада, имрӯзҳо дар чандин давлатҳои дунё тез паҳн гаштааст.

**ВАЗЪИ ХУРУҶИ БЕМОРӢ ДАР ҶАҲОН.** Миёни мардум овоза аст, ки гӯё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сироятёбӣ аз бемории коронавируси 2019-nCoV ба қайд гирифта шуда бошад.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки аз 1 феврал то 14 марти соли равон 1603 нафар шаҳрвандоне, ки аз кишварҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон, Италия, Эрон ва Афғонистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд, ба карантин фаро гирифта шудаанд.

Аз ин шумора то санаи зикргардида 1280 нафари онҳо ба хонаҳояшон рухсат дода шуда, айни ҳол 323 нафарашон дар беморхонаҳои сироятии мамлакат ба карантин фаро гирифта шудаанд.

Ҳамзамон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки то имрӯз сирояти коронавирус дар мамлакат ба қайд гирифта нашудааст. Аммо, нобаста ба ин, чораҳои пешгирӣ ҷиҳати интиқоли сирояти мазкур ба мамлакат пурзӯр карда мешаванд.

Айни замон сирояти коронавирус дар бештар аз 114 кишвари олам ба қайд гирифта шуда, тибқи иттилои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, то санаи 13 марти соли равон дар олам аз ин сироят 5000 нафар ба ҳалокат расидааст. Афзоиши босуръати шумораи кишварҳо ва шаҳрвандони вируси мазкур дар онҳо ба қайд гирифташуда боиси нигаронии давлатҳо ва созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ гардидааст.

Ҷиҳати пешгирии сироятёбӣ аз коронавирус ва бо мақсади андешидани чораҳои зиддиэпимикӣ аз ҷониби тамоми кишварҳои ҷаҳон бахри саривақт дарёфт, бистарӣ ва муолиҷа намудани гирифторони вируси мазкур чораҳои фаврӣ ба роҳ монда шуда истодаанд.

**АЛОМАТҲОИ БЕМОРӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН.** Аломатҳои саршавии ин беморӣ ҳарорати баланд, сулфазанӣ, нафастангӣ, дарди сар яъне ҳамаи он нишонаҳои бемории роҳҳои нафас ба монанди зуком мебошанд. Дар фарқият аз нишонаҳои бемории зуком ин беморон агар сари вақт ба табобат фаро гирифта нашаванду ба худмуолиҷа даст зананд, дар онҳо оризаҳои беморӣ хусусан дар узвҳои роҳи нафас, шушҳо сар мезанад. Агар одаме, ки масъуниятaш (имунитеташ) суст бошаду ба ин беморӣ дучор гардад, дар муҳлати кӯтоҳ ба оризаҳои вазнин ва фалаҷшавии организм оварда мерасонад.

**ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИИ БЕМОРӢ.** Тибқи маслиҳати мутахассиони соҳаи тандурустӣ баҳри пешгирии ин вирус усулҳои оддии пешгирии натиҷанок мавҷуд мебошанд, ки ба инҳо дохил мешаванд гигиенаи шахсӣ ба монанди шустушӯи дастон бо собун, истифодабарии ниқобҳои тиббӣ, ки барои муҳофизат кардани худ ва дигарон аз ин беморӣ мебошад.

Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ пешниҳод менамояд, ки барои мубориза бурдан барои ин вирус:

- дастон бо собун тоза шуста, бо маҳлули антисептикӣ безарар гардонида шавад,

- истифодабарии рӯймолчаҳои яккаратина ва ниқобҳо.

-гӯшт ва тухмро пеш аз истифодабарӣ ба таври хуб ҷӯшонидан пеш аз истеъмол,

- аз алоқамандӣ бо ҳайвоноти ваҳшӣ ва хонагӣ дур шудан мусоидат мекунанд.

Ба гуфтаи мутахассисони соҳаи тандурустӣ лозим аст, ки аз баъзе чорабиниҳои оммавӣ муваққатан худдорӣ карда шавад. Барои мисол, худдорӣ намудан аз намозгузории дастаҷамъона дар масҷидҳо, аз ҷумла масҷидҳои ҷомеъ, панҷвақта ва ҷамоатхонаҳо, ба истиснои намози ҷаноза. Дар ин баробар сафар ба кишварҳое, ки хуруҷи ин беморӣ ба қайд гирифта шудааст, манъ шудааст.

Барои иммунитети худро мустаҳкам намудан бештар меваҷоту сабзавот истеъмол намудан ва ба варзиш машғул шудан лозим меояд. Мутахассисони тиб маслиҳат медиҳанд, ки бояд хӯрокҳои гӯштӣ, тухм, шир хуб пухта, баъд истеъмол шаванд.

**ТАЪСИРИ АМАЛҲОИ ҲАНГОМАЧИЁН ВА ОВОЗАҲОИ БАРДУРӮҒ ДАР ИН РАВАНД.** Баъди нисфирӯзии санаи 4-уми март якбора дар нуқтаҳои ордфурӯшӣ шумори харидорони ин маҳсулот зиёд гардиданд. Мардум на фақат барои имрӯзу пагоҳ, балки барои оянда ҳам ордро захира кардан мехостанд.

Ҷойи шубҳа нест, ки чунин муносибат метавонад боиси болоравии нархи маҳсулоти ордӣ шавад. Асли воқеа то ҷое мо дарк кардем, ин аст: миёни сокинон овозае паҳн шудааст, ки гӯё гузаргоҳҳои сарҳадӣ бинобар чораҳои пешгирии хатари бемории коронавирус муваққатан маҳкам гардида, нархи маҳсулот, бахусус орд боло мерафта бошад. Масъулони Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Хатлон ин гуфтаҳоро як ҳангомаи беасос меҳисобанд. Гумони ғолиб ин аст, ки паси ин кор ҳатман ягон гурӯҳи манфиатхоҳ меистад, ки бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоии интернет бо нашри хабарҳои бардурӯғ ва беасос мардумро ба таҳлука андохтан хостанд.



**МАСЪУЛИЯТИ СОҲИБКОРОНУ ФУРӮШАНДАҲО ДАР ИН ҲОЛ БОЯД ЧӢ ГУНА БОШАД?** Дар ин ҳол барои соҳибкорон ва фурӯшандаҳо аз ҳама чизи муҳим он аст, ки фарҳанги баланди инсофу адолатро шиори кори худ қарор диҳанд. Бо истифода аз имконият нархи маҳсулотро ҳеҷ гоҳ баланд набардоранд, ки ин амал аз доираи имон ва адолат дур аст. Ватандӯст будани худро нишон диҳанд, нисбати ҳамдигар ғамхор бошанд. Ба мардум маслиҳати дуруст диҳанд, то зарар ба онҳо нашавад. Нурзода Усмоналӣ муовини раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ин гуфтаҳоро дар мусоҳибаи телевизионӣ (телевизиони Хатлон) санаи 5-уми март иброз дошт.

**ИҚТИДОРҲОИ ЗАРУРИИ ИСТЕҲ-СОЛ ВА НИГОҲДОРИИ МОЛУ МАҲСУЛОТ.** Мувофиқи омори расмии пешниҳодкардаи Вазорати иқтисод ва савдои Тоҷикистон, ки санаи 5-уми март дар сомонаи худ интишор кардааст, маҳсулоти ниёзи аввал, аз ҷумла орд, равған, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шакар, тухм ва сабзавотҳо дар сатҳи зарурӣ ва баъзе намуди онҳо аз меъёрҳои тавсиявии истеъмолӣ зиёдтар дар кишвар таъмин мебошанд.

Дар соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли ғалла дар дохили кишвар 1,4 млн. тонна, аз ҷумла гандум 836,2 ҳазор тонна ва воридоти он 1,1 млн. тоннаро ташкил дод. Истеҳсоли орд (бо назардошти коркарди гандуми воридотӣ) тибқи ҳисобҳо тахминан ба 1,5 млн тонна баробар гардид, ки нисбат ба соли 2018 132 ҳазор тонна зиёд аст.

Масъулони ниҳоди мазкур овозаҳо оид ба манъи воридотро беасос медонанд. Дар ин баробар ҳиссаи воридоти маҳсулоти хӯрока дар ҳаҷми умумии воридот аз Хитой ночиз, яъне ҳамагӣ 0,3 фоиз аст. Маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла гандум ва орд асосан аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ворид мегарданд.

Ба гуфтаи мутасаддиёни вазорати мазкур дар маҷмӯъ барои таъмини эҳтиёҷоти бозори истеъмолӣ дар Тоҷикистон захираву иқтидорҳои зарурии истеҳсол ва нигоҳдории молу маҳсулот мавҷуд буда, овозаҳо асос надоранд.

**ХУЛОСА .** Сокинон бояд хуб дарк кунанд, ки Тоҷикистон дигар он кишвари солҳои 1992-1997 нест. Он солҳо амнияти озуқаворӣ ҳатто нисбатан ҳам таъмин набуд. Имрӯз дар бозорҳои кишвар, бахусус вилояти Хатлон тамоми маҳсулоти ғизоӣ фаровон аст. Сокинонро мебояд, ки дар таҳлука наафтанд ва ба овозаҳои бардурӯғ бовар накунанд. Аз ҳама муҳим, Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳбари оқилу ғамхор дорад, ки ҳамеша дар фикри осудаҳолии халқ аст.

***Шуъбаи иттилоот ва матбуоти КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон***

ХИЗМАТИ БА ВАТАН ҚАРЗИ ҲАР ҶАВОН МАРДАСТ

# “ ..... АЗ ДУШМАН ВА АЗ МАРГ ҲАРОС НАДОШТЕМ”.



**Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг ташаббуси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро, ки мақсадашон пеш аз муҳлат иҷро намудани нақшаи баҳории сафарбаркунии ҷавонписарон ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ҳамаҷониба дастгирӣ мекунанд. Кормандони кумитаи мазкур дар арафаи мавсими даъват бо пири хирад, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Абдулло Самиев суҳбат оростанд.**

Самиев Абдулло соли 1924 таваллуд шудааст. Сокини ноҳияи Ховалинг мебошад. Собикадори ҷангу меҳнат, дорандаи чандин медал ва раҳматномаҳо барои нишон додани қаҳрамонӣ дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст.

*–Аз бобои Абдулло Самиев пурсидем, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷавонон ва дигар нафарони синну соли даъватиро чӣ гуна ба хизмати ҳарбӣ сафарбар менамуданд?*

–Дар он солҳо ҳам мисли ҳозира аз комиссариати ҳарбии ноҳия ба номи даъватшаванда даъватнома равон карда мешуд. Ҷавонони он давра ҳисси баланди ватандӯстӣ доштанд. Ҷанг буд. Онҳо медонистанд, ки ба сӯи марг мераванд, аммо аз хизмат рӯ наметофтанд. Ман худ шоҳид ҳастам, ки хатто онҳое, ки солимии ҷисмониашон нуқс дошт, онҳо низ бо хоҳиши зиёд барои муҳофизати Ватан аз душман ба комиссариати ҳарбӣ муроҷиат менамуданд. Дар байни онҳо ҷавононе ҳам буданд, ки синну солашон барои хизмати аскарӣ намерасид. Падару модарон низ кӯшиши аз хизмати ҳарбӣ гурезонидан ва бо ягон роҳ баргардонидани фарзандонро намекарданд. Волидайн бо мурод нонеро, ки дар вақти гусел фарзандашон газидааст, бо эҳтиёт нигоҳ медоштанд, то ин ки фарзанд аз ин ҷанги хонумонсӯз бо сари баланд баргашта, пораи нони боқимондаро ҳамроҳ бо аҳли оила тановул намоянд.

Имрӯз вақте мешунавӣ, ки падару модарон барои ба хизмати ҳарбӣ нарафтани фарзандонашон онҳоро мегурезонанд ва ё худи ҷавонон рӯ ба гурез меоранд, шарми кас меояд. Охир писари туро мисли мо ба ҷанг намебаранд-ку. Мисли солҳои пеш рафта дар Русия, дар ҷойи сардтарин – Сибир ва давлатҳои Европа - Германия, Полша ва дигар давлатҳои хориҷ хизмат намекунад. Наздик, дар ноҳияи Восеъ, Шамсиддин Шоҳин ва дури дур дар Вилояти Кӯҳистони Бадахшон хизмат мекунанд. Ҳама бародарони як миллатанд. Дар як сол даркор шавад чанд маротиба омада шуморо хабар мегирад ва агар шумо хоҳед дар як рӯз писаратонро хабар гирифта гашта ба хона меоед. Пас, аз чӣ хавф доред, ки фарзандони худро бо шодию сурур, бо хурсандӣ ба хизмати ҳарбӣ намефиристед? Ё мехоҳед, ки барои ҳифзи давлат ва миллат, ҳифзи мову шумо аз дигар кишварҳо аскару афсар биёранд? Ба гуфтаи мардум “ин пилтаро аз гӯшатон биканед”. Ягон давлат ғами мову шумо ва ҳифзи давлати моро дар сар надорад.

Солҳои ҷанг як давлат мехост давлати дигарро мутеи худ кунад. Ҳоло ҳам чунин ҳолат мушоҳида мешавад.

*–Гуфтед, ки ҷавонони ҳамсину соли шумо ҳисси баланди ватандӯстӣ доштанд. Ин ҳиссиётро дар онҳо чӣ гуна тарбия менамуданд?*

Дар он давра радио, телевизион, газету журнал набуд. Аз сари сад кас як одам соҳиби хату савод ва дониш буд. Ба фикри ман ҳисси ватандӯстӣ аз дӯст доштани зодгоҳ, ки як гӯшаи хоки Ватан аст, оғоз мегардад. Ва дуюм панду насиҳати падару модар ва шахсони калонсол ин ҳиссиётро бедор ва қавӣ мегардонид.

Ҳоло шояд зиёд будани воситаҳои таъсиррасонӣ бошад, ки ҷавонон ба сухани калонсолон кам гӯш медиҳанд. Барои ҳамин падару модар, омӯзгорон барои тарбияи дурусти ҷавонон бояд масъулияти бештар зоҳир намоянд.

***–Бобои Абдулло, баъди чанд рӯзи дигар даъвати баҳории навбаскарон оғоз мегардад. Ноҳияи Ховалинг иқдом гирифтааст, ки нақшаи даъват ба хизмати ҳарбиро пеш аз муҳлат иҷро намояд. Шумо ба ҷавонони синну соли даъватӣ чӣ муроҷиат ва таманниёт доред?***

–Ба ҷавонони синну соли даъватӣ муроҷиат карда гуфтаниам, ки дар рӯзи якуми даъват – Рӯзи даъватшаванда ихтиёран ба комиссариати ҳарбии ноҳия ҳозир шаванд. Ин амали онҳо нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат ворисони сазовори Қаҳрамони халқ – Восеъи делеру ҷасур, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Амиралӣ Саидбеков, дорандаи ордени “Суворов” Сайдаҳмад Каримов ва дигар мардони шуҷою номдори диёранд.

Таманниёти ман ба онҳо хизмати содиқона намудан ба Ватан ва бо сари баланд баргаштани онҳо ба назди падару модар ва аҳли хонадонашон мебошад.

*ХАЛИЛЗОДА Сафар,*
*раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ,*
*Саидҷалол САТТОРОВ,*
*мудири шуъбаи таблиғот,*
*иттилоот ва матбуоти КИ*
*ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг*

# ВАРЗИШ СОЛИМИСТ

Дар маркази вилояти Хатлон шаҳри Бохтар «Марафони велосипедронӣ» ва «Дави наврӯзӣ» баргузор гардид. Дар чорабинӣ доираи васеи сокинон иштироки фаъолона доштанд. Дар оғози чорабинӣ муовини раиси вилояти Хатлон Фирӯза Шарифӣ дар хусуси аҳамияти варзиш, рушди варзиш дар вилоят суханронӣ карда, аз ҷумла қайд дошт, ки дар вилояти Хатлон зина ба зина шароити машқу тамрин барои варзишгарон беҳтар гардида, ихлосмандони он меафзоянд.



Соҳаи варзиш бо дастгириҳои Пешвои муаззами миллат дар солҳои рушд қарор дошта, аз Наврӯз то ба Наврӯз варзишгарони вилояти Хатлон дар мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштироки фаъолона намуда, ба гирифтани 624 медали тилло, 579 медали нуқра ва 832 медали биринҷӣ мушарраф гардиданд. Дар маҷмӯъ варзишгарони Хатлон 2035 медал ба даст овардаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли сипаригардида 68 медал зиёд мебошад.

Масъулони соҳа иттилоъ доданд, ки дар арафаи ҷашни Наврӯз дар сартосари шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар умум 316 чорабинии гуногуни варзишӣ ба нақша гирифта шудааст.

Пас аз анҷоми мусобиқа муовини раиси вилояти Хатлон ба ғолибони он дипому мукофотҳои ташкилдодаи кумитаи тадорукотро тақдим намуд.

***

*Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон барои ишғоли мансабҳои холӣ*

## ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

1. Мудири шуъбаи кор бо ҷавонон
2. Мудири шуъбаи кор бо занон
3. Мудири шуъбаи ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ
4. Мутахассиси шуъбаи ташкилӣ, назорат ва баҳисобгирӣ
5. Мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонон

**Талаботҳои тахассусӣ барои ишғоли мансаби мудири шуъба**

-доштани маълумоти олӣ (ба соҳаи гуманитарӣ афзалият дода мешавад);

-доштани таҷрибаи корӣ на кам аз 3 сол дар вазифаи роҳбарӣ;

-дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор;

-малакаи хуби муошират бо ҷомеа;

-донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба ҲХДТ;

-донистани забони давлатӣ ва яке аз забонҳои хориҷӣ, кор бо технологияҳои иттилоотӣ;

-қобилияти истифодаи дониш мавриди қабули қарорҳои касбӣ

-садоқатмандӣ ба иҷрои ҳадафҳои ҳизбӣ

**Талаботҳои тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси шуъба**

-доштани маълумоти олӣ (ба соҳаи гуманитарӣ афзалият дода мешавад);

-доштани таҷрибаи корӣ на кам аз 2 сол дар соҳаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ;

-малакаи хуби муошират бо ҷомеа;

-донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба ҲХДТ;

-қобилияти истифодаи дониш мавриди қабули қарорҳои касбӣ

-садоқатмандӣ ба иҷрои ҳадафҳои ҳизбӣ

Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ►дархост барои иштирок дар озмун;
- ►варақаи шахсӣ (личний листок);
- ►нусхаи диплом;
- ►2 дона расми 3 х 4;
- ►нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- ►нусхаи шиноснома;
- ►нусхаи РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда);

***Телефон барои тамос (83222) 2-84-88***


ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

Муассис:
Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

Сармуҳаррир:
Маҳмадалӣ АКРАМОВ

Ҳайати мушовара:
Қурбон ҲАКИМЗОДА,
Фирӯза БӮРИХОНЗОДА,
Ғаззоло САФАРЗОДА,
Миралиён ҚИЁМИДДИН

Ҳайати таҳририя:
Зебо БОЗОРОВА,
Умеда АКРАМЗОДА

Тарроҳ:
Хусрав МАЗОРИЕВ

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Нашрия таҳти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Суроға:
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47,
тел: 8 (3222) 2-82-92, 2-70-70




Чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С», *теъдод: 19160 нусха*